**ҚАРОРИ**
**Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-014**
**назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**аз 31 майи соли 2024, №40** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Умаров Х., тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ; тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷонов Д.Д., номзади илмҳои иқтисодӣ Исайнова М.Ҳ., баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., дотсент Мирсаидов С.А, д.и.и., дотсент Аминов И., ва аъзои шурои диссертатсионӣ д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М. Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)», ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;
3. Ба Расулов Ҷовид Қурбонович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03. – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро

ҷонибдорӣ намояд ва Расулов Ҷовид Қурбоновичро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

Кӣ ҷонибдори қарори шурои диссертатсионӣ аст, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Муқобил - нест. Бетараф - нест. Якдилона қабул карда шуд.

Иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя намудани рисолаи номзадияш табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои шуро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям. Бо ҳамин, ҷаласаи шуро пӯшида эълон карда мешавад.

**Раиси шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.и.** **Убайдуллоев Ф.К.**

**31 майи соли 2024**